**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ.»**
**ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» профессор Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло**

**«____» __________ 2022-юм**

**ХУЛОСАИ**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

Диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович таҳти унвони «**Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расидааст.

Раҳимов Абдулқосим соли 1982-ум факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷандро бо ихтисоси муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз соли 2013-ум то соли 2016-ум унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикӣ ба шумор омада, 27-уми январи соли 2022-юм рисолаи номзадии хешро дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» аз муҳокимаи кафедраи номбурда гузаронидааст.

Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳқиқу баррасии роҳҳои маҳфузмонии калимаву таркиб ва ибораҳои алоҳидаи дар фарҳангномаи “Ғиёс-ул-луғот” мавҷуда дар гӯишҳои имрӯзаи тоҷикӣ бахшида шудааст.

Роҳнамои илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Рисолаи номзадии Раҳимов Абдулқосим таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ ҳисоб ёфта, дорои арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ аст.

Аҳамияти назарии рисола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои онро метавон дар ҷараёни таълифи осори таҳқиқӣ доир ба гӯишшиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ истифода бурд.

Аҳамияти амалии рисола аз он иборат аст, ки маводи рисола метавонад ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи забонҳои тоҷикиву форсӣ», «Лаҳҷашиносии таърихӣ», курсу семинарҳои махсус истифода шавад. Инчунин натиҷаҳои умдаи рисола метавонад ба аспирантон дар таълифи рисолаҳои илмӣ кумак расонанд.

Асоси назариву методологии тадқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи рисола барои мушаххас кардани роҳи тадқиқ ба асару мақолаҳои олимони ватаниву хориҷӣ, мисли М. Т. Баҳор, П. Н. Хонларӣ, В. С. Расторгуева, Ю. А. Рубинчик, А. Л. Хромов, Ш. Рустамов, Ю. Салимов, М. Н. Қосимова, Ғ.Ҷӯраев, В. А. Капранов, Р. Ҳодизода, Д. Саймиддинов, А. Насриддинов, Ҳ.Маҷидов, Ш. Исмоилов, Д. Хоҷаев, М. Маҳмудов, А.Воҳидов, С. Хоркашев ва дигарон такя намудааст.

Муаллифи рисола дар ҷараёни пажуҳиш усулҳои диахронӣ, муқоисавӣ ва муқоисавӣ-таърихиро истифода намуда, бори нахуст дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX-“Ғиёс-ул-луғот”унсурҳои луғавии онро бо гӯишҳои муосири тоҷикӣ ба риштаи таҳлилу муқоиса кашидааст.

Дар ҷараёни таҳлили масъалаи тазаккурёфта муаллифи

диссертатсия бо мақсади инъикос намудани пешгузаштаи иддае аз калимаҳо маводи аз "Ғиёс-ул-луғот" гирдовардаашро бо ҳамин гуна маводи баъзе фарҳангномаҳои қадиму муосир, мисли мисли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу, «Чароғи ҳидоят»-и Орзу, «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» муқоиса кардааст. Инчунин бо мақсади нишон додани робитаи дастае аз унсурҳои луғавии дар фарҳангномаи "Ғиёс-ул-луғот" дарҷгардида дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии имрӯзаи тоҷикӣ диссертант ба ҷуз маводи аз забони информантҳо гирдомада боз маводи баъзе луғатномаҳои гӯиширо, мисли «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро»-и М. Маҳмудов, Б. Бердиев, «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (лаҳҷаҳои ҷанубӣ)»-и М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев, «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»-и М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, инчунин маводи фактологии осори таҳқиқии муҳаққиқон В. С. Расторгуева, Р. Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев, Р. Ҳодизода, А. Ҳасанзода ва дигаронро истифода кардааст.

Раҳимов Абдулқосим ба андешаи рӯшанӣ андохтан ба нуктаҳои мавҳуми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои эронӣ ва ғайриэрониро мавриди истифода қарор додааст.

Дар се боби рисола нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар гӯишҳои тоҷикӣ нишон дода шудааст, гурӯҳҳои маъноии чунин вожаҳо инъикос гардидаанд, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти калимаҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии вожаҳои эрониасл нисбат ба калимаҳои иқтибосӣ бо зикри далелҳои раднопазир собит карда шудааст.

Ҳангоми баррасии масъалаи робитаи луғоти алоҳидаи фарҳангномаи мазкур бо маводи гӯишҳои ҳозираи тоҷикӣ муаллифи

диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки тарзҳои ишораи унсурҳои лаҳҷавиро аз ҷониби муаллифи луғатнома нишон диҳад; усулҳои боқимонии унсурҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ баррасӣ намояд; гурӯҳҳои маънoии вожаҳои дар фарҳангномаи мазкур ва лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ мавҷударо муайян намояд; сабабҳои бо таҳаввулоти шакливу маъноӣ маҳфуз мондани бархе аз вожаҳои луғатномаи мазкурро дар забони тоҷикони минтақаҳои мухталиф пойдормондаро инъикос кунад; мақому мавқеи ҳодисаҳои алоҳидаи фонетикиро дар таҳаввулоти шаклу маънои унсурҳои луғавӣ ошкор намояд; дараҷаи робитаи калимаҳои эрониаслу иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ муайян намояд; таносуби маҳфузмонии калимаҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мавҷударо дар гӯишҳои шимоливу ҷанубӣ ва лаҳҷаҳои алоҳидаи дигар нишон диҳад; дараҷаи боқимонии воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаи мазкур истифодашударо дар гӯишҳои ҳозираи тоҷикӣ инъикос кунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ба ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР тавсияшуда инъикос гардидааст. Мазмуни диссертатсия ҳамчунин дар шакли маърӯза дар 8 ҳамоиши илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои забони адабиёти классикӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятҳои Хатлону Хуҷанд (давоми солҳои 2014-2022-юм) баён гардида, дар маҷмуаҳои ин конфронсҳо ба нашр расидаанд.

Кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимовичро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ҷавобгӯи ҳама талаботи диссертатсионӣ мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 3 доктори илмҳои филологӣ, профессорон Ваххобов Толиб, Шокиров Туғрал, Ҳасанзода Абдуҷамол, 1 нафар номзади илми филология, профессор Абдуқодиров Абдусаттор, 8 нафар номзадҳои илми филологӣ, дотсентон С. Ҳоҷиев, Н. Ҳикматуллоев, С. Ғанизода, С.Ӯзбеков, Ш. Раҳматов, З.Абдуллоева, З. Қӯрғонов, М. Хоҷаева иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0, «бетараф» - 0.

Қарори № 6-ум аз 27-уми январи соли 2022-юм.

Мудири кафедра:
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи
забони тоҷикӣ — Олимҷонов М. О.

Котиб: сармуаллими
кафедраи забони тоҷикӣ — Қобилов А. А.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои
МДТ-и «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» — Наврӯзов Э.